**СУРАТМАҶЛИСИ №93**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

16 сентябри соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 №224/шд) тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафар доктортони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждaнӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ доктортони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шурои диссертатсионӣ Мирзозода П.З., Аминова Ф.М. ва аъзои комиссияи ташхис номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шарифзода Р.Ш. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждaнӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон;

– **Сидиқов Дилшод Аҳрорович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 02 декабри соли 2025, соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.